«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дотсент Набизода М.С.

________________________

«05» ____11____ соли 2025

**ХУЛОСАИ**

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф (Тӯхтаева Маҳноза Маруфовна) **«SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Маъруфзода Маҳноза Маъруф соли 2016 факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм карда, солҳои 2017-2019 дар шуъбаи магистратураи ҳамин муассиса аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ таҳсил намудааст. Баъди хатми магистратура соли 2022 таҳсилро дар зинаи докторантураи (PhD) идома дода, соли 2025 онро хатм кардааст.

Роҳбари илмии Маъруфзода Маҳноза Маъруф номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Комилов Каримбой Исломович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума аз 15.10.2025, суратҷаласаи №3 ва дар ҷаласаи шурои олимони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 30.10.2025, қарори №3 тасдиқ шудааст.

МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертант Маъруфзода Маҳноза аз 3-юми октябри соли 2025 маълумотномаи академӣ (транскрипт) оид ба супоридани имтиҳонҳои докторантура аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар диссертатсияи пешниҳодшаванда яке аз масъалаҳои мубрами рӯзноманигории муосири тоҷик – маркетинги шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири он ба афкори ҷомеа таҳқиқ шудааст. Мавзуи интихобгашта, бешубҳа, аҳаммияти илмӣ ва амалии назаррас дошта, таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии вижагиҳои маркетинги шабакаҳои иҷтимоӣ дар рӯзноманигорӣ, муайян намудани нақши он дар фарогирии аудиторияи васеъ, паҳн кардани иттилооти босифат ва таъсири ин матлаб ба афкори ҷомеа бахшида шудааст, ки дар журналистикаи муосири тоҷик таҳқиқи мукаммалро тақозо дорад.

Маврид ба таъкид аст, ки ҷаҳони муосир зери таъсири инқилоби рақамӣ ва ҷаҳонишавии иттилоот қарор дорад. Соҳаи рӯзноманигорӣ шакл ва усулҳои наверо, ба монанди «Онлайн-журналистика» ва «Маркетинги шабакаҳои иҷтимоӣ (SMM)» касб намуд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистон низ, ки ба ин низоми васеи байналмилалӣ пайваст шуда, зери таъсири технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ усулҳои анъанавии иттилоотрасониро тағйир дод, имкон медиҳад, то махсусияти миллии ин падида муайян ва арзёбӣ гардад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ** нишон дода шудаанд, хусусан, бандҳои 1, 3, 8 ва 12-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур комилан мувофиқат мекунад. Моҳият ва муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, таҳқиқи мавзуъ ва хулосаҳои диссертатсия дорои арзиши илмӣ буда, метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ ва иттилоотӣ дар пажуҳиши масъалаҳои мубрам ва гуногуни журналистикаи муосир, аз ҷумла расонашиносӣ, маркетинг, стратегия ва тактикаи SMM,

робитаи ВАО бо ҷомеа ва шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсиониро** муаллиф дар оғози диссертатсия мушаххас намуда, омӯзиши нақш ва таъсири SMM ҳамчун воситаи идора ва таъсирррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоиро дар шароити Тоҷикистон баррасӣ намудааст.

Диссертант бахри расидан ба ҳадафҳои илмӣ як силсилаи вазифаҳои мантиқан пайвастаро муқаррар намудааст, ки доираи онҳо дар муайян кардани заминаҳои ташаккул ва рушди SMM ба сифати воситаи идора ва таъсирррасонӣ ба афкори ҷомеаро фаро гирифтааст, ки аз ҷумла ба онҳо таҳқиқи моҳият ва мафҳуми SMM ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ, таҳлили хусусиятҳои SMM дар Фейсбук ва Инстаграм, омӯзиши механизмҳо ва усулҳои фаъолияти SMM барои ҷалби аудитория, пажуҳиши имкониятҳои рекламаи мақсаднок ва зеҳни сунъӣ барои таҳияи муҳтаво, таҳқиқи имкониятҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти менеҷери SMM, таҳлили шакл ва навъҳои муҳтавои иттилоотии расонаҳои тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд.

Муҳиммияти илмии таҳқиқот маҳз дар он зоҳир мегардад, ки ҳалли пайгиронаи ин вазифаҳо ба муаллиф имкон додааст, то хулосаҳои муҳим ва қобили мулоҳизаро пешниҳод намояд.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** сомонаҳои расонаҳои ватанӣ, саҳифаи расонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, хусусан Фейсбук ва Инстаграм ба ҳисоб мераванд. Пойгоҳҳои иттилоотии Google Analytics, Internet Archive, Meta Ads Manager, Google Trends, Яндекс Вордстат, Datareportal.com ва ғайра истифода шудаанд. Таҳқиқоти илмиро маводди SMM ҳамчун воситаи таъсирррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ташкил намудааст. Қобили зикр аст, ки маводди иловагии алоқаманд заминаи сарчашмавии кори мазкурро боз ҳам ғанӣ гардонидааст.

Дар баробари ин, муаллиф барои таъмини асоснокии илмӣ ва пойдории назариявӣ ба дастовардҳои муосири олимони пешсафи ватанӣ ва хориҷӣ дар бахши назарияи шабакаҳои иҷтимоӣ, расонаҳои нав ва SMM такя намудааст. Ҳусни таҳқиқот дар он аст, ки бо истифодаи методологияи гуногунҷабҳа, аз ҷумла усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили контентӣ ва тафсири оморӣ, муаллиф тавонистааст масъаларо дар ҳамаи ҷанбаҳо ба таври мукаммал ва илман асоснок баррасӣ намояд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро** асарҳои фундаменталии илмӣ-назариявии муҳаққиқони шинохтаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Муродӣ М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Мухторӣ Қ., Ҳамидиён И. И., Кулакова В., Комилов К. И., Абдуҷалилов Ф. Н., Сафарзода М. А., Мансурова Б. С., Ҳайдаров Р., Махсумова М., Раҷабов А., Мирзоалӣ С, Боқиева Л., Коханова Л. А., Калмиков А. А., Соломин В. Е., Кихтан В. В., Устинов В. В., Экгардт Л. В., Мезентсев Е. А., Корнадут К. Д., Азнаева Г. Д., Симакова С. И., Смаилова А. Б., Таласпаева Ж. С., Симкачева М. В., Гуртская Б. Т., Меренкова П. А., Генералова А. К., Степанов В. А., Evans D., Bratton S., McKee J, Tuten T. L., Zarrella D., Charlesworth A., Minazzi R., Moedeen S. ва дигарон ташкил додаанд ва мурочиат ба заминаи мустаҳками назариявии таҳқиқот собит менамояд, ки муаллиф таҳқиқи масъалаи илмиро бо такя ба манбаъҳои илмӣ анҷом додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар баррасӣ ва пажуҳиши мавзуи SMM ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятии аудитория тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифода меёбад. Зеро ин падидаи нави илмиест, ки доир ба он то ҳол дар шароити кишвари мо таҳқиқи ҳамаҷониба ва фарогире анҷом наёфтааст.

Маъруфзода Маҳноза дар асоси таҳлили фаъолияти расонаҳои тоҷикӣ, омӯзиши саҳифаҳои расонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, мутолиаи маводди илмӣ, мақолаҳо, дастурҳои таълимӣ ва корҳои муаллифони қаблӣ навгониҳои илмии зеринро дар кори диссертатсиониаш ба даст овардааст: бори аввал раванди гузариши расонаҳои тоҷикӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ таҳқиқ гардида, таҳлили омории саҳифаҳои расонаҳои тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук ва Инстаграм сурат гирифтаст. Ҳамчунин ӯ бори аввал дар фазои илмии тоҷик нақши менеҷери SMM ва талаботи касбию эҷодии онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Маъруфзода Маҳноза дар шароити рушди бесобиқаи зеҳни сунъӣ ва таваҷҷуҳи ҳамагонӣ имкониятҳои истифодабарии зеҳни сунъиро барои таҳияи муҳтавои тоҷикӣ таҳлил кардааст. Дар диссертатсия саҳифаҳои расмии донишгоҳҳо ва ниҳодҳои давлатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳқиқ гардиданд. Бахши муҳимми дигари таҳқиқотро шинохти самти рекламаи мақсаднок ва арзёбии самаранокии он дар расонаҳои ватанӣ ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки он бори аввал дар

сатҳи илмӣ як падидаи муҳимми равандҳои таъсиррасонии журналистика ва истифодаи воситаҳои SMM ба афкори ҷамъиятӣ ва ҷалби аудиторияро таҳлил менамояд. Таҳқиқ накши журналистикаро дар ин раванд муайян намуда, роҳҳои самараноки истифодаи SMM барои ҷалб ва нигоҳдории аудитория, имкониятҳои зеҳни сунъӣ барои таҳияи муҳтаво, таъсири рекламаи максаднокро нишон медиҳад. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ барои мутобикшавии расонаҳои ватанӣ ба раванди гузариш ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани иртиботи онҳо бо аудитория мусоидат мекунад. Таҳлилу хулосаҳои пешниҳодшуда заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои дурусти истифодаи воситаҳои SMM фароҳам оварда, ба расонаҳо имконият медиҳанд, ки равишҳои муассири ҷалби хонандагон ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятиро коркард намоянд.

Муҳтавои таҳқиқот ва мундариҷаи асосии диссертатсияи илмии Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар 15 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Тӯхтаева, М. М. Махсусиятҳои кор бо занон дар фаъолияти онлайнии менеҷери SMM / М. М. Тӯхтаева // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. – №. 3 (96). – С. 121-127.

[2-М]. Тӯхтаева, М. М. Таҳлили омории саҳифаҳои расмии донишгоҳҳои вилояти Суғд дар шабакаҳои иҷтимоӣ / К. И. Комилов, М. М. Тӯхтаева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. – №. 3 (76). – С. 245-254.

[3-М]. Тӯхтаева, М. М. Истифодаи ҳуши маснуӣ дар навиштани муҳтавои таблиғотӣ барои маркетинги онлайнӣ / М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. –

№2, – С. 276-284.

[4-М]. Тӯхтаева, М. М. Таҳқиқи раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон ва таъсиррасонӣ ба аудитория тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ / М. М. Тӯхтаева // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – №1(78). – С. 284-294.

[5-М]. Тӯхтаева, М. М. Таҳқиқи назариявӣ ва амалии истифодаи рекламаи мақсаднок барои тавсеаи маркетинги онлайнӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) / М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 6. – С. 309-318.

[6-М]. Тӯхтаева, М. М. Муҳтавои расонаҳои онлайнии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук / И. И. Ҳамидиён, М. М. Тӯхтаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 7. – С. 330-336.

[7-М]. Тӯхтаева, М. М. Ниёзҳои иттилоотии аудитория ва истифодаи SMM / М. М. Тӯхтаева // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №. 4(101). – С. 166-192.

[8-М]. Тӯхтаева, М. М. Вижагиҳои SMM дар журналистика ва нақши он дар ҷалби аудитория / М. М. Тӯхтаева, И. И. Ҳамидиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2025. – № 3-1 (40). – С. 217-229.

[9-М]. Маъруфзода, М. М. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон / М. М. Маъруфзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2025. – №. 3 (104). – С. 170-180.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[10-М]. Тӯхтаева, М. М. Андешаҳо оид ба вижагиҳои касбию эҷодии SMM-менеҷер / К. И. Комилов, М. М. Тӯхтаева // Маводди VII Конференсияи байналмиллалии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология». – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 169-174.

[11-М]. Тӯхтаева, М. М. SMM ҳамчун воситаи бо кор таъмин шудани занон / М. М. Тӯхтаева // Саҳми занон дар рушди илм (Маҷмуаи мақола ва баромадҳои иштирокчиёни нуҳумин конфронси ҷумҳуриявӣ). – Душанбе, 2023. – С. 91-95.

[12-М]. Тӯхтаева, М. М. Методологияи таҳлили саҳифаҳои онлайнии

донишгоҳҳои вилояти Суғд дар шабакаҳои иҷтимоӣ / К. И. Комилов, М. М. Тӯхтаева // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ. – Хуҷанд: МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», 2023. – С. 138-148.

[13-М]. Тухтаева, М.М. О профессиональных и творческих характеристиках SMM-менеджера / М. М. Тухтаева // Материалы Международного молодежного научного форума «ЛОМОНОСОВ-2024» / Отв. ред. И.А. Алешковский, А.В. Андриянов, Е.А. Антипов, Е.И. Зимакова. [Электронный ресурс]. — URL: https://confhub.ru/archive/Lomonosov_2024/data/section_11_32542.htm (дата обращения: 05.10.2025)

[14-М]. Тӯхтаева, М. М. Гузариши расонаҳои Тоҷикистон ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва таҳқиқи авлавиятҳои он / М. М. Тӯхтаева // Маҷмуаи мақолаҳои Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (қисми 1, 02.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 2-7.

[15-М]. Тухтаева, М. М. Информационные потребности аудитории и применение SMM в социальных сетях / М. М. Тухтаева // Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики: материалы Международной научно-практической конференции. – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 199-204.

**Натиҷаҳои таҳқиқ** ва хулосаҳои он метавонанд дар таҳкими пояҳои назарии журналистикаи муосири тоҷик, муайян намудани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти минбаъда дар самти таҳқиқи расонаҳо, ВАО ва робита бо ҷомеа, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавӣ бо таҷрибаи омӯзиши шабакаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Илова бар ин, таҳқиқоти илмии мазкур ба арзёбии объективонаи таъсири SMM ба афкори ҷамъиятӣ ва ҷалби аудитория заминаи мустаҳкам мегузорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** тавассути дараҷаи амиқи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, саҳеҳияти натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, асоснок будани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода ёфтани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ ба таври возеҳ таъйид мегардад. Инчунин саҳми муаллиф махсусан дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди фаровони илмию адабӣ оид ба истифодаи воситаҳои SMM ба афкори ҷамъиятӣ ва ҷалби аудитория мушаххас мешавад. Дар ин замина, ӯ

тавонистааст бо далелҳои муътамад хусусиятҳои мундариҷавӣ истифодаи воситаҳои SMM ба афкори ҷамъиятӣ ва ҷалби аудиторияро дар инъикоси мушкилоти ҷомеа ва таъсири он ба афкори умум ба таври дақиқ муайян намояд.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст. Кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума баъди баррасии диссертатсия ба хулосаҳои зерин омад:

1. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, муҳтаво ва таркиби кор ба мақсаду мароми таҳқиқ мувофиқ аст.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардидааст, ки раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон ба Интернет ба оғози солҳои 2000-ум рост омада, аввал дар шакли таъсиси сомонаҳои интернетӣ, баъдан пас аз соли 2010 аввал дар шакли гузариш ба сомонаи иҷтимоии Фейсбук ва баъдтар аз соли 2016 то ба имрӯз ба шабакаи иҷтимоии Инстаграм сурат гирифта истодааст. Дар ин раванд воситаҳои SMM ба ҷалби аудитория, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва идоракунии равандҳои иттилоотӣ дар шароити муосир дар Тоҷикистон таъсири зиёд доранд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардидааст, ки барои расонаҳои тоҷикӣ истифодаи рекламаи мақсаднок бо истифодаи алгоритмҳои пешрафта барои ташаккули муносибати босамар байни бренд ва аудитория хидмат мекунад. Дар ин замина истифодаи абзорҳои таҳлилии Google Trends ва Яндекс Вордстат дар фаъолияти расонаҳо ва менеҷерони SMM дар Тоҷикистон асоснок гардидааст.

4. Муайян карда шудааст, ки на ҳамаи донишгоҳҳо, вазоратҳо ва ниҳодҳои давлатӣ дар фазои интернетӣ фаъоланд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифа доранд. Бинобар ин таҳияи стратегияҳои ягонаи SMM ва барномаҳои баланд бардоштани саводи рақамии кормандони марказҳои иттилоотии муассисаҳо зарур аст.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии ба ихтисоси илмӣ алоқаманди назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки мутахассисон аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардид.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №4 аз 01.11.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷума Сатторова З.А.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷума Саидхоҷаева М. А.

Имзоҳои Сатторова З.А. ва Саидхоҷаева М. А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992-3422)6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj
«01» ноябри соли 2025.